**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail: faridullo72@mail.ru)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Ташаккул ва такмили муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёти муосир на танҳо мавҷудияти бозорҳо, воситаҳои истеҳсолот, молҳои истеъмолӣ, захираҳои молиявӣ, фароҳам овардани муҳити рақобат, балки бозори меҳнатро низ пешбинӣ мекунад, ки асосан бо равандҳои муҳоҷират алоқаманд аст, ки на танҳо як падидаи махсуси вазъи иқтисодии иҷтимоии иқтисоди давраи гузариш, балки ҳамчун механизми ҳатмии бозори меҳнат дар тамоми давраҳои мавҷудияти он ба ҳисоб меравад. Ташаккули бозори меҳнат дар бахши аграрии иқтисодиёт бо омилҳои зиёд ва пеш аз ҳама, вазъи демографии деҳот, ки аз сохтори ҷинсӣ ва синну соли аҳолии деҳот, сатҳи нокифояи маълумот, аҳолии камбизоат, инкишофи сусти инфрасохтори иҷтимоӣ, нисбатан дараҷаи пасти зиндагонӣ, бухрони шадиди аграрӣ иборат аст, мушкил мегардад.

Муҳаққиқ ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуи таҳқиқшаванда, назарияҳои мактабҳои иқтисодӣ, олимону муҳаққиқони соҳаи иқтисодиро ҷамъоварӣ карда, ақидаи муаллифии худро оид ба бозори меҳнат дар соҳаи кишоварзии минтақа пешниҳод кардааст, ки боиси дастгирӣ мебошад. Аз нигоҳи муаллиф, бозори меҳнати соҳаи кишоварзии минтақа як системаи динамикӣ мебошад, ки маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро оид ба шароити кироя, истифода ва ивази қувваи корӣ барои воситаҳои зиндагӣ ва механизми худтаъминкунии он, ки дар асоси он фаъолият мекунад, дар бар мегирад.

Муаллиф бо истифода аз маълумотҳои омори расмӣ, ҳисоботҳои идораҳои дахлдор таҳлилҳо гузаронида, тавассути ҷадвалҳо нишон додааст. Аз таҳлилҳои гузаронидаи муаллиф бармеояд, ки дар вилояти Хатлон шумораи мардони муҳоҷир дар соли 2021 нисбат ба соли 2016 ба андозаи 45,4 ҳазор нафар ва ё 23,5% коҳиш ёфтааст (саҳ. 15, ҷадвали 5).

Унвонҷӯ дар автореферати диссертатсия қайд мекунад, ки яке аз омилҳои кам шудани сафи муҳоҷирон аз зиёд шудани корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) вобастаги дорад. Вобаста ба ин, афзоиши шумораи корхонаҳои кишоварзӣ ва зиёдшавии фоида аз фаъолияти онҳо дар вилояти Хатлонро дар шакли диаграмма пешниҳод намудааст (саҳ. 15, диаграммаи 1). Илова бар ин, аз таҳқиқоти гузаронидаи диссертант маълум гардид, ки бештари аҳолии вилояти таҳқиқшаванда мақсади муҳоҷиршавиро надоранд, лекин муҳаққиқ омилҳоеро дар таҳқиқоташ муайян намудааст, ки аҳолиро ба муҳоҷират маҷбур месозад (саҳ.16, расми 4).

Дар қисмати сеюми таҳқиқот унвонҷӯ таҳқиқи самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ ва такмили механизмҳои идоракунии мавзуи таҳқиқотро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба ақидаи ӯ, ҳангоми амалигардонии самтҳое, ки дар расми 5-и автореферат пешниҳод намудааст, суръати рушд дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ ва ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи асосии афзоиши ҳарсолаи маҷмуи маҳсулоти минтақавиро таъмин намуда, ҷиҳати танзими давлатии равандҳои муҳоҷират ва паст кардани сатҳи номуташаккилии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, муаллиф сохтори механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақаро дар шакли расм таҳия намуда, маълум мегардад, ки таносуби дурусти истифодаи афзорҳои танзими давлатии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар асоси истифодабарии равиши системавӣ имконпазир мебошад. Вобаста ба ин, ба ақидаи муаллиф, танҳо чунин сохтор возеҳият, пешбинишаванда ва эътимоднокии фаъолияти субъектҳои бозори меҳнатро таъмин менамояд (саҳ. 20, расми 7).

Аз мазмуни автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявии асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ истифода шуда, натиҷаҳои илмӣ ба масъалаҳои таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ бахшида шудаанд.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки дар қатори ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферати диссертатсия ақидаҳои баҳсталаб ва инчунин норасоиҳо ба назар мерасанд, ки баъзеи онҳоро бояд қайд намуд, аз ҷумла:

1. Дар расми якуми афтореферат (саҳ.10) хуб мешуд, ки муаллиф ақидаи худро бозҳам васеътар шаҳр медод.

Камбудии пешниҳодгардида ҷузъи буда, мазмун ва баҳои воқеии авторефератро тағйир намедиҳанд.

Ҳамин тавр, автореферати Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи славияни Россия-Тоҷикистон **Султонов З.С.**

Имзои д.и.и, прафессор, Султонов З.С-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи славияни
Россия-Тоҷикистон **Раҳимов А.А.**

***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734025,*
***кӯчаи*** *М. Турсунзода 30,, Почтаи эл.: info@ied.tj*
***Тел:*** *+992 (37) 227-54-59; (+992) 93-520-28-70.(М)*
***Факс:*** *+992 (37) 227-54-59;* Sulton@mail.ru